# ШАРТНОМА

## байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе №: 43 «18» 03 соли 2021

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар шахси **Ректор-Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** (минбаъд **Донишгоҳ**) аз як тараф ва аз тарафи дигар **Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар шахси **Раис- Саид Нуриддин Саид** (минбаъд **Кумита**) дар якҷоягӣ, ки минбаъд "Тарафҳо" номида мешаванд, шартномаро тибқи шартҳои зерин ба имзо расонданд:

### I. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1. Мавзӯи шартномаи мазкурро ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни Донишгоҳ дар самти ташкил ва гузарондани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни Донишгоҳ дар Кумита ва мустаҳкам намудани муносибатҳои илмию амалии мутақобилаи Тарафҳо ташкил медиҳад.

1.2. Мақсади таҷрибаомӯзӣ татбиқи донишҳои назариявии донишҷӯён ва ба даст овардани маҳорату малакаҳои касбӣ мебошад.

1.3. Мақсади муносибатҳои илмию амалии Тарафҳо такмил додани сатҳи омодагии кормандон, омода намудани мутахассисони баландихтисос, баланд бардоштани савияи касбии кормандон ва татбиқи барномаҳои илмиву таълимӣ мебошад.

1.4. Ҳамкории Тарафҳо ройгон сурат мегирад, агар онҳо хусусияти рекламавӣ надошта бошанд.

### II. САМТҲОИ ҲАМКОРӢ

2.1. Мувофиқи шартномаи мазкур Донишгоҳ ва Кумита дар самтҳои зерин ҳамкорӣ менамоянд:

- ташкил ва гузарондани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни факултетҳои журналистика, филология, филологияи рус, забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳ дар воҳидҳои сохтори Кумита;
- ба конфронсу семинарҳои илмию амалӣ ва таълимию методӣ, инчунин, барномаҳои радиоию телевизионӣ ҷалб намудани кормандони Тарафҳо;
- баррасии пешниҳодҳои Кумита оид ба такмили ҷараёни таълиму тарбияи мутахассисон ва баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии донишҷӯёни Донишгоҳ;
- ҳамкорӣ ва муҳайё намудани шароити зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти илмию таҳқиқотӣ дар Донишгоҳ оид ба масъалаҳое, ки манфиати мутақобила доранд;

- интишори корҳои илмии кормандони Кумита ва асарҳои муштарак (нашри маҷмӯи мақолаҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимию методӣ барои донишҷӯён ва кормандон);

- иштироки устодони Донишгоҳ дар барномаҳо, семинарҳо, конфронсҳо, машғулиятҳо ва дигар чорабиниҳои Кумита;

- иштироки кормандони Кумита дар семинарҳо, конфронсҳо, машғулиятҳо ва дигар чорабиниҳои Донишгоҳ;

- мусоидат ҷиҳати васеъ намудани махзани илмию амалии Тарафҳо бо адабиёт ва маводи зарурӣ;

2.2 Тарафҳо метавонанд дар самтҳои дигар низ созиш намоянд, агар он хилофи талаботи қонунгузорӣ набошад.

## III. УҲДАДОРИИ ТАРАФҲО

3.1. Уҳдадории Донишгоҳ:

- аз ҷониби кафедраҳои Донишгоҳ гузаронидани чорабиниҳо, таҳқиқоти илмӣ;

- дар асоси нақшаи кории Кумита таъмини иштироки устодони Донишгоҳ барои баромад бо маърӯзаҳо, гузарондани конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳо ва дигар машғулиятҳо бо кормандон;

- додани роҳхат барои гузарондани таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯёни Донишгоҳ тибқи тартиби муқарраршуда;

- сафарбар намудани донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои дахлдор ба гузаштани таҷрибаомӯзӣ мувофиқи муҳлати дар нақшаҳои таълимӣ муқарраршуда;

- то оғози таҷрибаомӯзӣ фиристодани шахси мутасаддӣ барои омода намудани шароити зарурӣ ҷиҳати гузарондани таҷрибаомӯзӣ, таъмини роҳбари методии таҷрибаомӯзии донишҷӯён, бо Кумита мувофиқа намудани барномаи таҷрибаомӯзӣ ва нақшаҳои инфиродӣ;

- ба донишҷӯён додани дастури дахлдор оид ба чараёни таҷрибаомӯзӣ, риоя намудани қоидаҳои муҳофизати меҳнатӣ, техникаи бехатарӣ, тозагии санитарӣ, қоидаҳои зиддисӯхторӣ, қоидаҳои истифодабарии таҷҳизоти техникӣ ва барқӣ, қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва речаи амалкунандаи махфият дар Кумита;

- мусоидат намудан барои зиёд намудани махзани илмию амалии Кумита бо адабиёт ва маводи илмӣ;

- амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.

3.2. Уҳдадориҳои Кумита:

- мусоидат намудан барои шиносоӣ ва истифодаи устодон ва кормандони Донишгоҳ аз маводи зарурӣ оид фаъолияти анҷомдодаи кормандони Кумита, то он ҳадде, ки қонунгузорӣ иҷозат медиҳад;

- қабули донишҷӯён барои гузарондани таҷрибаомӯзӣ аз рӯйи ихтисосҳои пешбинигашта, мувофиқи нақшаи таълимӣ;

- таъмини шароити зарурӣ барои амалишавии барномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён;
- таъмин намудани кормандони баландихтисос барои роҳбарӣ дар рафти таҷрибаомӯзии донишҷӯён;
- ҳангоми ба итмом расидани давраи таҷрибаомӯзӣ ба ҳар як донишҷӯ додани тавсифнома ва тасдиқи ҳисоботи онҳо;
- дар асоси дархости Донишгоҳ мусоидат ҷиҳати иштироки кормандони Кумита дар чараёни таълим, семинарҳо, конфронсҳо, машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ, иштирок дар маҳфилҳои илмӣ ва фарҳангӣ;
- аз рӯйи имконият навиштани тақризҳо ба корҳои хатми донишҷӯён;
- дар доираи имконият сафарбар намудани кормандони Кумита барои беҳтар намудани фаъолияти илмию таълимӣ ва методии Донишгоҳ;
- мусоидат барои ғанӣ гардондани махзанҳои илмию амалии Донишгоҳ бо адабиёт ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии нашрнамудаи Кумита;
- амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.

## IY. ҚОИДАҲОИ АСОСИИ ГУЗАШТАНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ДАР КУМИТА

4.1 Донишгоҳ ҳангоми сафарбар намудани донишҷӯён барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар Кумита ба онҳо риоя намудани талаботи зеринро фаҳмонад:
- низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қоидаҳои муҳофизати меҳнатӣ, зиддисӯхторӣ, истифодабарии таҷҳизоти техникӣ ва барқӣ, тозагии санитарӣ, инчунин, қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва реҷаи махфияти дар Кумита амалкунанда;
- муносибати эҳтиёткорона бо амволи Кумита;

## Y. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

5.1. Шартномаи мазкур ба муҳлати 5 сол баста шуда, он аз лаҳзаи ба имзо расондани Тарафҳо эътибор пайдо менамояд.

5.2. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Тарафҳо тибқи ризоияти мутақобила мумкин аст, ки тағйир дода шавад ё қатъ карда шавад. Ризоияти Тарафҳо бояд дар шакли хаттӣ ба расмият даровarda шавад. Дар ҳолати ба охир расидани муҳлати шартнома ба ҳамин муҳлат шартнома тамдид карда мешавад, агар яке аз Тарафҳо шаш моҳ қабл аз ба охир расидани муҳлати амали шартнома тарафи дигарро дар бораи нияти қатъ кардани шарнома ба таври хаттӣ огоҳ насозад.

5.3. Шартнома бо забони давлатӣ (забони тоҷикӣ) дар ду нусха тартиб дода шуда, пас аз ба имзо расидан як нусхаи он дар Донишгоҳ ва нусхаи дигараш дар Кумита нигоҳ дошта мешавад.

Нусхаҳо эътибори баробар доранд.

5.4. Дигар шартҳое, ки дар шартнома пешбинӣ нашудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.

## ҮI. СУРОҒАИ ТАРАФҲО:

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ 17

Ректор

________ Хушвахтзода Қ. Х.

«_18_» ________ соли 2021

Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Шероз 31

Раис

________ Саид Н. С.

«_19_» _03_ соли 2021